ТУ САРЧАШМАИ НИРӮ, ДАРГОҲИ БАХТУ САОДАТ ҲАСТӢ, ЎЗБЕКИСТОНИ АЗИЗ!

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

26 августи соли 2020. Чоршанбе

№ 58 (14657)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ИСТИҚЛОЛИЯТ, ЯЪНЕ ҲУҚУҚ

***Истиқлолият дар ҳама ҷабҳаҳо ҳама гуна пастзанӣ ва тобеиятро инкор менамояд, маънои эҳтироми байниякдигарӣ, ба қадри якдигар расидан, бо такя ба арзишҳои умумибашарӣ кор бурдан, дар асоси ҷаҳонбинии васеъ ва тафаккури озод умр ба сар бурдан ва имконияти озод ташаккул додани рўзгори худро дорад.***

Барои мо истиқлолият ин қабл аз ҳама ба даст гирифтани тақдири худ, онро идора карда тавонистан, худшиносӣ, эҳёи урфу одат ва арзишҳои миллӣ, сулҳу осоиш дар ҳар як хонадон, ҳифзи камолот мебошад.

Муҳимаш, 29 сол қабл ба мо, дар баробари имконияти амал кардан, ҳуқуқ дода шуд. Ин ҳуқуқи соҳиб будан ба сарватҳои табиии кишварамон, такя кардан ба иқтидору салоҳият ва ақлу заковати халқ, зиндагии сазовор ба ҳар як инсон ва оила ва ҳуқуқи барои насли оянда боқӣ гузоштани Ватани ҳамаҷониба рушдёфта мебошад.

Ба туфайли истиқлолият бино ба амалкарди ана ҳамин ҳуқуқ Ўзбекистонро беш аз 170 мамлакати дунё эътироф намуд, бо беш аз 125 кишвар муносибатҳои расмии дипломатиро ба роҳ мондем.

Дар баробари ин, тўли солҳои истиқлолият тамоюлҳои ҳуқуқии рушди робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодии хориҷии давлатамон руйи кор омаданд.

Дар натиҷаи қариб сӣ соли меҳнат, саъю кўшиш, иқдомоти боварибахш сўйи мақсадҳои неку наҷиб, аз ҳама муҳимаш, ислоҳотҳоямон дар роҳи бунёди ҷамъияти ҳуқуқбунёд, насле ба камол расид, ки обрўю эътибори миллату мамлакатамонро дар арсаи ҷаҳон баланд бардоштан метавонад, писарону духтарони фидоие тарбия меёбанд, ки ҳамаҷониба комиланд, онҳо худашонро худашон хушбахт месозанд.

Имрўз дар шароити пандемия гувоҳи он мегардем, ки замон, инсоният тағйир меёбад. Ҳамаамон дар шароити ошкороию озодфикрӣ кор карданро меомўзем. Зеро, тарзи ҳаёти ҳамаи давлатҳои рушдёфта, аҳли ҷомеаи дунё чунин аст, ҳамин роҳро дуруст меҳисобанд.

Хўш, мо ба ин комёбиҳо чӣ тавр ноил гардидем?

Қабл аз ҳама, ба туфайли роҳандозии сиёсати оқилона саноати Ўзбекистони мо рушд кард, ба давлате табдил ёфт, ки иқтидору салоҳияти иқтисодиаш рў ба афзоиш аст.

Дар муддати кўтоҳ дар мамлакатамон аз ҷониби созмонҳои давлативу ғайридавлатӣ низоми мулоқоти ошкорою пурсамар бо халқ роҳандозӣ шуд. Ин аст, ки мурожиат ва мушкилоти зиёди шаҳрвандон дар чаҳорчўбаи қонун ҳаллу фасл гардид.

Дар ҷамъият муҳити соҳибкорӣ ба вуҷуд омад. Ба соҳибкорон аз ҷониби давлат шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ҳар оила ҳисси майл ба соҳибкорӣ, худро худ таъмин кардан ва даромади реалӣ ташаккул меёбад, ташаббусҳо дастгирӣ карда мешаванд. Ҳамаи ин ба афзудани намудҳои истеҳсолот, хидмат ва ҷойҳои нави корӣ дар мамлакатамон замина фароҳам меоварад. Тағйир ёфтани шууру тафаккур ва ҷаҳонбинии халқ сарвати бузургтаринест, ки дар тўли солҳои истиқлолият ба даст омадааст.

Таърихи башарият гувоҳ аст, ки ягон мамлакат дар танҳоӣ ривоҷ наёфтааст. Зеро, бисёр мушкилоти дунёи мураккаб бо роҳи ҳамкорӣ ва дўстона ҳаллу фасл гардидаанд. Аз ин рў, дар сиёсати хориҷии Ўзбекистони мо ба таъмини бехатарӣ, ризоияти байни миллатҳо, фароҳдилии динӣ, риояи манфиатҳои тарафайн, таҳкими истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ рўйи эътибор гардонда мешавад, ба тамоюлҳои на рақобат, балки ҳамкорӣ бо ҳамсоягон, дар якҷоягӣ ҳал кардани мушкилоти минтақа амал карда мешавад.

Дар натиҷаи чунин муносибати давлат ба халқ рўҳияти одамон ҷиддан тағйир ёфт. Фаъолии иҷтимоии шаҳрвандон зиёд шуд, сатҳи огоҳии сиёсӣ боло рафт.

Тўли 25 соли фаъолияти худ ҲСД «Адолат»-и Ўзбекистон низ, ки дар майдони сиёсӣ бо ғояҳои халқпарвару ҳаётӣ ҷойгоҳу обрўйи худро пайдо кардааст, дар роҳи рушди Ватанамон, бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд, ҷамъияти одили шаҳрвандӣ як қатор ташаббусҳоро ба ҳаёт татбиқ намуд. Дар фаъолиятиояндаи ҳизб низ таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои қонунии ў, адолати иҷтимоӣ ва волоияти қонун дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт аз вазифаҳои устувор боқӣ хоҳад шуд.

Бояд фаромўш накард, ки мо имрўз дар замони нозуку пуртаҳлука ба сар мебарем. Дар шароите, ки дар гирду атрофамон хавфу хатар шиддат пайдо мекунад, мо бояд сарвати бебаҳотарин — сулҳу осоиштагиро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем. Таҳким бахшидани дўстию ҳамҷиҳатии байни миллатҳову шаҳрвандон, ҳурмату эҳтироми тарафайн, огоҳдилона мубориза бурдан барои сулҳу осоиш имрўз аҳамияти ҳалкунанда дорад. Инро бояд ҳар кадоми мо амиқ ҳис намоем. Ҳаминро ҳам бояд фаромўш накард, ки имрўз сулҳу осоиши мардум худ аз худ таъмин намегардад. Таҳким бахшидан ва ҳифзи истиқлолият вазифаи рўзмарра боқӣ хоҳад монд. Зеро, Ту — манбаи қудрат, маскани саодатӣ, Ўзбекистони азиз!

**Гулрух АГЗАМОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.(ЎзА).**

*Назаре аз Покистон:*

## САЪЮ КЎШИШҲОИ ЎЗБЕКИСТОН БОБАТИ ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ МУҲИТИ НЕКҲАМСОЯГӢ ДАР МИНТАҚА БА ВАЗЪИЯТИ АФҒОНИСТОН ТАЪСИРИ ХУБ МЕРАСОНАД

***Пажўҳишгоҳи тадқиқотии стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон (ПТСБ) якҷо бо Пажўҳишгоҳи асри Авроосиёи Покистон дар мавзўи «Ҳамкории Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ дар раванди танзими сулҳоҳона дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (ҶИА)» конфронси онлайн баргузор кард, ки дар он сарварон ва коршиносони машҳури марказҳои «ақлӣ» ва сохторҳои тадқиқотии ду мамлакат ширкат ҷустанд.***

Баъди анҷоми чорабинӣ як қатор иштирокдорони покистонии он ба хабарнигори АИ «Дунё» фикру ақидаҳои худро оид ба натиҷаҳои конфронс, дар бораи ҳамкории ду кишвар бинобар танзими сулҳхоҳонаи зиддияти бисёрсолаи Афғонистон, нақши Ўзбекистон дар сохтори сулҳхоҳонаи Афғонистон иброз доштанд.

Бинобар ақидаи **президент ва асосгузори Пажўҳишгоҳи асри Авроосиё Ирфон Шоҳзод Такалвӣ** саъю кўшишҳои Ўзбекистон бобати коркарди ҳамгароии васеи байналхалқӣ оид ба равандҳои танзими сулҳхоҳона барои пешбурди Афғонистон бо роҳи сулҳ ва эътидоли деринтизор аҳамияти бузург дорад.

– Ташаббусҳои Тошканд дар соҳаи ташаккул додани қаробати тарафайни минтақавӣ, савдо, таъминоти энергия, пешниҳоди ёрии башардўстона ба Афғонистон дар истиқрори иҷтимоиву иқтисодии Афғонистон, инкишоф ёфтани ҳамкории васеи минтақавӣ дар соҳаи мазкур саҳми азим мегузоранд, – мегўяд Ирфон Шаҳзод Такалвӣ. – Исломобод ва Тошканд минбаъд низ бояд оштии дохилии Афғонистонро дастгирӣ кунанд, ҳамчунин аз саъю кўшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ бобати таъмин сохтани сулҳу эътидоли устувор дар ин кишвар пайгирӣ намоянд.

Афғонистон, ба фикри ман, «пули байниқитъавӣ» ба шумор меравад. Баробари дар Афғонистон қарор ёфтани сулҳ тамоми минтақа аз натиҷаҳои вусъат пайдо кардани робитаҳои тиҷоратӣ, иртиботи байни мардум, афзун шудани сармоя баҳра хоҳанд бурд, дар натиҷа, минтақаи мазкур ҳам барои Осиё, ҳам умуман барои Авроосиё муҳаррики пешрафт хоҳад шуд. Ғайр аз ин сулҳу эътидол дар Афғонистон барои кишварҳои минтақа имконияти барои таъминсозии амният ба мақсади рушд ва пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ равона кардани захираҳои гаронбаҳоро фароҳам меоварад.

Афғонистон ҷузви ҷудонопазири Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Кўшишоти Тошканд бинобар фароҳам овардани муҳити некҳамсоягӣ дар минтақа ба вазъияти Афғонистон таъсири хуб мерасонад. Барои кишварҳое, ки ҳамчун Афғонистон, аз зиддиятҳои дуру дароз раҳоӣ ёфтаанд, чунин вазъият барои оғози роҳи нав ба истиқболу шукуфоӣ бағоят мусоид хоҳад буд. Мо ҳамчунин мехостем, ки чунин муҳит дар ҷониби дигари Афғонистон – Осиёи Ҷанубӣ низ фароҳам оварда шавад.

Бояд қайд намуд, ки инфрасохтор барои ҳамкории наздиминтақавӣ ҷиҳати асосӣ ба шумор меравад. Ҳоло Покистон ва Ўзбекистон баҳри вусъат додани робитаҳои наздиминтақавӣ аз тариқи Афғонистон саъю кўшиши зиёд мекунанд. Покистон бояд саъй намояд, ки истифодаи бандарҳои Гвадар ва Қарочӣ барои соҳибкорони Ўзбекистон, Афғонистон ва кишварҳои дигари минтақа аз ҷиҳати тиҷорат ҷолиб бошанд. Ва масъалаи охирин, вале хеле муҳим ин аст: бигузор мардум қарин бошанд ва робитаҳоеро, ки решаҳои бисёрасрина доранд, мустаҳкам гардонанд.

Дар бораи ҳамкориҳои зиддиятнок бояд гўям, ки ба фикри ман, дар самти мазкур масъалаи аввалин ва асоситарин ин аз байн бардоштани муаррифии нодурусти решадавондаи байни якдигар ба шумор меравад, ки маълумот ва тадқиқоти асосноку беғаразро дар бораи ҳамдигар тақозо менамояд. Дар ин бобат нақши марказҳои «ақлӣ» ва расонаҳои ахбори оммавӣ аҳамияти зиёд пайдо мекунад.

**Муҳаррири оҷонсии хабарии «News Network International», хабарнигори оҷонсии иттилоотии «Би-би-си» дар Покистон, ходими даъватшудаи Пажўҳишгоҳи тадқиқоти сиёсӣ Муҳаммад Тоҳир Хон** зикр кард, ки Ўзбекистон, бидуни шубҳа, дар танзими сулҳхоҳонаи зиддияти Афғонистон нақши муҳим мебозад.

(Давомаш дар саҳ.2).



*Дар ҶММ «Lyuks Plyus Servis»-и шаҳри Намангон шиму костюм, палто, камзўл, курта, пиҷак барин либосҳои мардона ва бачагона истеҳсол карда мешаванд, ки дар бозори ҷаҳон ба рақобат тобоваранд.*

*Фоидаи софи корхона нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8 миллиарду 802 миллион сўмро ташкил намуд. 95,8 фоизи ин даромад аз содирот, боқимонда аз ҳисоби маҳсулоти бозори дохила ба даст омад.*

*Дар корхона сехи нави истеҳсолие барпо карда мешавад, ки арзиши лоиҳавиаш 10 миллион доллари ИМА мебошад. Баъде лоиҳа амалӣ гашт, дар давраи аввал 1500, дар давраи дуюм боз ҳамин қадар, ҷамъ 3000 ҷои корӣ ташкил карда мешавад.*

*Ҳаҷми истеҳсолоти солона 3 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Даромаде, ки ба даст меояд, аввало, бо мақсади дастгирии иҷтимоию моддии коргарон, баланд сохтани маоши онҳо, ҳамчунин дигар рағбатноксозиҳо, додани роҳхат ба сиҳатгоҳу масканҳои истироҳатӣ равона хоҳад гашт.*

***Дар сурат:*** *дар ҶММ «Lyuks Plyus Servis»-и шаҳри Намангон.*

***Суратгир: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

***Бинобар маълумоти сафорати Ўзбекистон, 200 дастгоҳи нафасдиҳии сунъии шуши (НСШ) арзишаш тақрибан 2,5 миллион доллар аз Иёлоти Муттаҳида ба кишвари мо фиристода шуд.***

## 200 ДАСТГОҲИ НАФАСДИҲИИ СУНЪИИ ШУШ БА ЎЗБЕКИСТОН ФИРИСТОДА ШУД

Дастгоҳҳои НСШ дар доираи кўмакҳои башардўстона, ки моҳи июн аз ҷониби маъмурияти президент Доналд Трамп эълон шуда буд, интиқол дода мешаванд.

Масъалаи расондани ин таҷҳизоти тиббӣ бо мақсади мусоидат намудан ба саъю кўшиш оиди мубориза алайҳи пандемияи коронавирус дар Ўзбекистон мавзўи силсилаи машваратҳо дар Вашингтон бо намояндагони маъмурияти сарони Кохи сафед, Департаменти давлатӣ ва Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (ЮСАИД) буд.

Дастгоҳҳои пешниҳодшуда бо фармоиши махсус бо назардошти инфрасохтори техникии муассисаҳои тиббии Ўзбекистон истеҳсол карда шудаанд. Аз рўи хусусиятҳои худ, ин дастгоҳҳо барои терапияи интенсив ҳам дар шароити муолиҷаи статсионарӣ ва ҳам ҳангоми кашондан тавассути нақлиёти тиббии ҳавоӣ ё мошинҳои ёрии таъҷилӣ истифода мешаванд.

Таҷрибаомўзони Донишгоҳи Калифорния, ки аз ин модели дастгоҳҳо истифода бурдаанд, самаранокии онро дар табобати шахсони бо COVID-19 сироятшуда, аз ҷумла дар марҳилаи вазнини беморӣ, вақте бемор наметавонад мустақилона нафас кашад, тасдиқ карданд. Ин дастгоҳҳо имкон медиҳанд, ки аз усулҳои гуногуни нафасдиҳии сунъии шуш ва нигоҳ доштани фаъолияти ҳаётии мизоҷон аз тифлон то беморони калонсол истифода шаванд.

Мувофиқи маълумоти сафорат, дастгоҳҳои аз ҷониби Амрико пешниҳодшуда аз ҷониби Вазорати тандурустии Ўзбекистон байни 62 муассисаи тиббии тамоми минтақаҳои кишвар тақсим карда мешаванд.

**АИ «Дунё»,**
*ВАШИНГТОН.*

Ба пешвози 29-умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Ўзбекистон

# СЎХИ НАВ ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Чӣ неъмати бузург будани истиқлолият ва озодӣ ба ҳар яки мо маълум. Дар сессияи XI Шўрои Олии Ўзбекистон эълон гардидани истиқлолияти давлатии мамлакатамон воқеаи муҳими сиёсӣ дар ҳаёти халқҳои сарзамини мо қарор гирифт. То таҷлили Рўзи истиқлолият рўзҳои башумор боқӣ монда, мардуми шарифи ин диёр баҳри истиқболи сазовори он омодагии ҳарҷониба мебинанд.***

Ҳаминро алоҳида таъкид карданием, таърихи 29-солаи истиқлолияти давлатии Ўзбекистонро метавон ба ду давра ҷудо намуд. Дар давраи аввал ҷумҳурии мо бо эълон шудани суверенитети давлатӣ аз 31 августи соли 1991 дар харитаи сиёсии дунё мавқеъ пайдо кард, рамзҳои давлатӣ, Конститутсияи Ўзбекистон қабул гашт, аз тарафи як қатор давлатҳои ҷаҳон ба истиқлолият даст ёфтани мамлакати мо эътироф ёфт. Байни Ўзбекистон ва ҷаҳон дарҳо боз ва муносибатҳо дар ҷанбаҳои гуногун ба роҳ гузошта шуданд, кишвар роҳи ба худ хоси тараққиётро пеш гирифт, обод гашт, комёбиҳои бемисл дар ҳамаи соҳаҳо ба даст оварда шуданд. Давраи нави тараққиёти Ўзбекистони соҳибистиқлол бо Президент интихоб шудани Шавкат Мирзиёев оғоз ёфт. Тўли чаҳор соли охир корҳои васеъмиқёс, ки фарогири кулли ҷабҳаҳо мебошанд, ба амал бароварда шуданд, ки аҳамияти бузурги таърихӣ доранд. Ба халқ ва баҳри манфиатҳои он хидмат намудани ислоҳот дар коғаз не, дар амал рўи кор омад. Ҳокимияте арзи ҳастӣ намуд, ки воқеан халқист. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъмини эҳтиёҷоти шаҳрвандон ба манзил, фарогирӣ бо шуғл, тандурустию таълим, сайёҳӣ ва ҳоказо мазмун ва моҳияти тоза пайдо кард. Дигаргуниҳои азим дар Ўзбекистони навро ҷаҳониён эътироф ва онҳо бо назари нек ба диёри шукуфони мо менигаранд. Некҳамсоягӣ, хусусан, бо давлатҳои минтақа ба халқҳои гуногунмиллати Осиёи Марказӣ, ки аз қадим паҳлў ба паҳлў умр ба сар мебаранд, нишоти бузург бахшид. Яхҳои чандсола батадриҷ об, ҳамдилию ҳамҷиҳатӣ аз болои бухлу ҳасад, ки халқҳои оддии дар ду ҷониби сарҳадҳоро ба ҳолати ногувор мегузошт, ғолиб омад. Қарибону пайвандон баъди ҷудоиҳо якдигарро ёфтанд, гўшту нохун боз ба ҳам пайваст. Пештар рўзҳое, ки ба ҷашни истиқлол омодагиҳо оғоз ёбанд, назорат дар посгоҳҳо ҷиддитар, омаду рафт то андозае қатъ, шаҳрвандоне, ки барои кор ё зарурат ба пойтахт омадаанд, ба ҷои зисташон ронда мешуданд. Кас баъзан фаҳмида наметавонист, ки ҷашни истиқлолият мўҷиби шодиёнаву хотирҷамъӣ ё парешонию ташвиш аст. Хайрият ҳам он рўзҳо гузаштанд. Бинобар пандемия халқҳои мо ҷашни пешистодаро дар шароити хона, дар иҳотаи қарибон истиқбол кунанд ҳам, таҷлил нишотангез сурат мегирад, боварӣ ба фардои нек, ба даргузарии рўзҳои ташвишноки карантин қавист.

Дар қатори мардуми шарифи диёр халқи наздик 80 ҳазорнафараи Сўх низ 29-солагии истиқлолияти давлатиамонро сазовор истиқбол менамояд. Ба наздикӣ қабул шудани қарори Президент «Дар бораи чораҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҷмўии ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона дар солҳои 2020-2021» боз як воқеаи муҳим дар ҳаёти мардум гардид, ки бинобар дар иҳотаи ҷумҳурии ҳамсоя мавқеъ доштан бо душворию мушкилоти хос рўбарўст. Ҳуҷҷате, ки ба имзо расид, қабл аз ҳама, дар роҳи тараққиёти маҷмўии ноҳия дар ҳама соҳаҳо, хусусан, бошуғлфарогирии аҳолӣ ва баланд бардоштани дараҷаи зист, обод гардондани ноҳия, ба дараҷаҳои нав бардоштани сифати тандурустию таълим хидмат хоҳад намуд. Нуктаҳои қарор, ки дар риштаҳои гуногун корбаст ёфтаанд, аллакай амалӣ мешаванд. 17 ҳазор нафар ҷавонони то 30-сола истиқомат менамоянд дар ноҳия. Аз ҷониби Вазорати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш инвентарҳои варзишӣ фиристода шуданд, ки 600 млн. сўм арзиш доранд. Ба ҷавононе, ки майл ба боғбонию кишоварзӣ доранд, ҷудо карда шудани қитъаҳои замин идома дорад. Дуруст, ноҳия, ки дар баландкўҳ воқест, заминҳои кишт баҳисоб. Вале дар мавзеи Қайроқ, ки ҳамҳудуд бо Қирғизистон аст, наздик 1500 гектар замин мавҷуд. Баровардани об ба ин мавзеъ аз дарёи Сўх бо насосҳои махсус оғоз ёфт. Аз ҷониби давлатамон барои обёрии Қайроқ наздик 95 миллиард сўм маблағ ҷудо карда шудааст. Ба наздикӣ гурўҳи корӣ дар ноҳия ба рафти корҳои сохтмону ирригатсионӣ дар мавзеи зикршуда аз наздик шинос шуд, пешниҳодҳо дод. Таъкид ёфт корҳои сохтмон дар ин ҷо моҳи марти соли 2021 ба анҷом мерасанд, ба муносибати фарорасии Наврўз сарзамине, ки асрҳо инҷониб ташналаб мехобид, аз оби ҳаёт баҳравар хоҳад гашт. Гуфтанием, дар Ўзбекистони нав ё худ дар давраи нави истиқлолияти кишвар воҳаи байни чордевори кўҳҳо ҷойгиршудаи Сўх ба маънои ҳақиқӣ нав шуда, мардуми заҳматкаши он бо дили пуру хотири ҷамъ тарҳи нави зиндагӣ мекашанд.

Истиқлолият ба халқҳои Ўзбекистон, ки ин Ватани азизро сарчашмаи нирў ва бахту саодат меҳисобанд, муборак бошад.

**Ҳасанхон ОБИДҶОНОВ,**
**муаллими фанни таърихи мактаби миёнаи рақами 1-уми ноҳияи Сўх.**

## ҚАРОР ВА ИҶРО

**6-уми августи соли равон таҳти раёсати Президент ва бо иштироки Бонки ҷаҳон доир ба татбиқ кардани лоиҳаи «Модернизатсияи хоҷагии қишлоқ» ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор шуд, ки дар он масъалаи азхудкунии 300 миллион доллар маблағи кредити бонки мазкур муҳокима гардид.**

# ЧАРО «ОБИ ТАГИ ДАР – ТИРА?!»

**Бояд гуфт, ки аз ҳисоби он дар вилояти Самарқанд 300 гектар боғи интенсив бунёд шуда, хоҷагиҳои тухмӣ ташкил мегарданд.**

Фасли баҳор буд. Барои хариди тухмии баъзе намудҳои сабзавот ба дӯкони махсуси агрофирма рафтем. Тааҷҷуби камина аз он буд, ки як дона (!) тухмии бодиринг 500 сӯм нарх дошт.

– Чаро ин қадар қимат? – ҳайрон шудам ман. – Ин тухмиро аз куҷо харидед?

– Аз хориҷа, – беparво лабханд зад фурӯшанда. – Магар шумо аз тухмиҳои ҳазор ва ҳатто се ҳазор сӯмина бехабаред? Тухмӣ ба доллар аз хориҷа меояд.

– Зарур бошад, раво бошад, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд харидори дигар. – Ба баққолҳои бозор боварӣ нест. Тухмии онҳо пуч ё ба ҷойи яке дигар аст. Масалан, чанде пеш дар замини ман ба ҷойи сабзӣ мутлақо чизи дигар баромад. Ана баъд маҷбур ба ин дӯкон омадам. Дар як нафас баҳсу мунозира авҷ гирифт. Аммо афсӯси ман нархҳои дандоншикани тухмиҳои сабзавот буд.

Ёд дорам, дар ноҳияи Самарқанд хоҷагии давлатии «50 солагии СССР» вуҷуд дошт, ки маҳз бо парвариши тухмӣ машғул буд. Ҳатто он дар бозори Сиёб дӯкони махсус дошт, ки ба деҳқонон бо нархи арзон тухмӣ мефурӯхт. Сифат ва ҳосилнокии баланд дошт.

Моҳи апрели соли 2018 аз ҷониби роҳбари давлатамон қарор «Дар бораи чораву тадбирҳои куллан такмил додани тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» интишор ёфт, ки дар асоси он дар Самарқанд низ кластери тухмипарварӣ ташкил гардид. Ҳоло дар шаш ноҳияи вилоят ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуди «хоҷагиҳои тухмии Элита» таъсис ёфтааст. Дар ихтиёри онҳо беш аз 500 гектар замин буда, навъҳои беҳтарини сабзавот парвариш меёбанд. Масалан, дар се гектар майдон навъи «Спанеэ»-и пиёз кишт шуда, беш аз як тонна тухмии аълосифат ба фермерҳо ирсол гардид, ки соли оянда 625 гектар майдонро бо тухмии пиёз таъмин мекунад.

Дар ноҳияи Ҷомбой хоҷагии фермерии илмӣ-тадқиқотии тухмипарварии «Фармоба селект» таъсис ёфтааст, ки бо селексияи ғаллапарварӣ машғул мебошад. Олимон бо зиёд кардани навъҳои гандум ва ҷав саргарм ҳастанд. Соли равон навъи «Ҷасмина»-и ғалла дар 10 ҳазор гектар кишт шуда, ҳосилнокӣ 70-80 сентнерро ташкил кард. Дар оянда фермерҳо боз навъи «Фармоба»-ро парвариш мекунанд, ки бешубҳа ҳосилнокии ғалла хоҳад афзуд.

Гарчанд ватани картошка қитъаи Амрико аст, дар кишвари мо талаб ба ин навъи маҳсулот калон мебошад. Шояд аз ҳамин сабаб мардум онро «нони дуюм» ҳисоб мекунанд. Аз маълумотҳои статистика равшан гардид, ки дар ҷумҳурӣ барои қонеъ сохтани эҳтиёҷи мардум ҳар сол дар 150 ҳазор гектар картошка парвариш ёфта, қариб се миллион тонна ҳосил ҷамъоварӣ мегардад. Барои тухмӣ бошад, 450 ҳазор тонна талаб мегардад. Ба мақсади афзудани ҳосилнокии картошка дар ҷумҳурӣ аз Русия, Нидерландия, Туркия, Покистон ва дигар мамлакатҳо тухмии он харида мешавад, ки маблағи зиёдро талаб мекунад. Дар асоси фармони сарвари давлат дар ноҳияҳои Тайлоқ, Самарқанд, Булунғур, Ҷомбой, Ургут навъи суперэлитаи картошка парвариш карда мешавад.

Агар роҳи шумо ба маркази ноҳияи Самарқанд афтад, баъди убури рӯди Дарғом пеши назар майдони васеъ, ки аз аввали баҳор то тирамоҳ сабзу хуррам аст, ҷилвагар мегардад. Дар ин минтақа деҳқонони соҳибтаҷриба аз замин дусе маротиба ҳосил гирифта, боиси тааҷҷубу ситоиши меҳмонону мизбонон мешаванд.

– Як замон падарам, баъд ман, ҳоло фарзандону набераҳо бо кишоварзӣ машғуланд, – гуфт фермер Ӯткур Истамқулов. – Устухони мо бо нони деҳқонӣ сахт шудааст. Амалӣ гардидани нияту орзуҳо, хариди наклиёту бунёди кошонаҳо ба ивази меҳнати ҳалол гӯям, муболиға намешавад. Лекин бо замин «забон» ёфтан ба ҳама ҳам насиб намекунад. Ман аз он дар ҳайратам, ки дар баъзе ҳавлиҳо ғайр аз алафи бегона ҳеҷ чиз намерӯяд. Сарвари оила дар чойхона ва завҷаи ӯ сари кӯча ва овораи гапфурӯшӣ бо ҳамсоягон. Аммо замин бекор хобад, гуноҳ аст.

Раҳматӣ падарам такрор ба такрор мегуфтанд, ки деҳқонӣ – яке аз ҳафт хазина. Сад афсӯс, ки мо ба қадри замин намерасем. Инро «оби таги дар – тира» мегӯянд.

Ҳар як шахсе, ки дар фаслҳои тобистону тирамоҳ ба деҳқонбозорҳо мераванд, аз растаҳои пури маҳсулоти полиз, нозу неъмати боғ, ҳосили ситрусу хушкмева чашмонаш медурахшад. Фақат шахсони ҳолдон медонанд, ки паси пештахта савдогар нишаста, аксарияти маҳсулоти бозоргир аз хориҷа ворид шудаанд.

Дуруст, баъзе деҳқонҳои маҳаллӣ дар беруни бозор дар сатилу қуттӣ маҳсулоти худро мефурӯшанд, ки нархаш ва сифаташ аз растаҳои бозор арзону паст ҳастанд.

Беихтиёр, саволе бармеояд: чаро ин тавр? Ҷавоб одӣ – тухмиҳои маҳаллӣ ва ҷонсӯзони замин каманд. «Накдро аз нася хезад нестӣ», гуфтааст Мавлавӣ.

Бузургон таъкид кардаанд, ки «он бувад аблаҳтарини мардумон, к-аз пайи нафсу ҳаво бошад равон».

Бояд таъкид намуд, ки ҳоло бо ғамхории сарвари давлат дар шаҳру деҳот барои худ кори дилхоҳро пайдо кардан имкон дорад.

Чуноне ки деҳқонони асил таъкид кардаанд, боигарии ҳақиқӣ ва адонашаванда замин аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

---

*Назаре аз Покистон:*

# САЪЮ КӮШИШҲОИ ӮЗБЕКИСТОН БОБАТИ ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ МУҲИТИ НЕКҲАМСОЯГӢ ДАР МИНТАҚА БА ВАЗЪИЯТИ АФҒОНИСТОН ТАЪСИРИ ХУБ МЕРАСОНАД

(Аввалаш дар саҳ. 1).

– Ӯзбекистон – аввалин кишвари Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар моҳи марти соли 2018 байни ҳукумати ҶИА ва ҷунбиши «Толибон» гуфтушуниди сулҳхоҳонаро пешниҳод кард, – мегӯяд коршинос. – Ин ташаббус бевосита аз ҷониби Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев пешниҳод гардид ва ҳам аз ҷониби толибон ва ҳам нируҳои дигари дохили Афғонистон хуб пазируфта шуд. Нақши сулҳхоҳонаи Ӯзбекистон, бидуни шак, аз ҷониби тамоми тарафҳо мақбул дониста мешавад, зеро аввалан, ин ҷумҳурӣ ҳамсояи бевоситаи Афғонистон мебошад, сониян, Ӯзбекистон ҳам бо ҳокимияти расмӣ дар Кобул ва ҳам бо намояндагони идораи сиёсии ҷунбиши «Толибон» муносибати хубу баробар дорад.

Пешниҳоди сарвари Ӯзбекистон бобати фароҳам овардани муҳит барои баргузор кардани гуфтушунидҳо дар ҷумҳурӣ байни намояндагони ҳукумати Афғонистон ва ҷунбиши «Толибон» низ аз ҷониби умум дастгирӣ пайдо кард. Баъд аз ин роҳбари идораи сиёсии «Толибон» мулло Абдулғанӣ Бародар бо сафар ба Ӯзбекистон омад, вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон бо намояндагони ҷунбиши «Толибон» дар Қатар мулоқот кард. Бешубҳа, чунин кӯмак ба ҷараёни оштӣ мусоидат хоҳад кард, ман дар бораи ташаббусҳои Ӯзбекистон ҳам аз ҷониби ҳукумати Афғонистон, ҳам аз ҷониби ҷунбиши «Толибон» ягон фикру ақидаи танқидиро боре ҳам нашунидаам.

Муътақидам, ки бояд ин ҳамкориро инкишоф дод ва бинобар масъалаи сохтори сулҳхоҳона дар Афғонистон, пеш аз ҳама, дар байни кишварҳои минтақа ба мувофиқа расид, зеро зиддиятҳои Афғонистон маҳз дар ин минтақа рух медиҳанд. Кишварҳои минтақа ва давлатҳои ҳамсояи Афғонистон аз кашолёбии ҷанг дар Афғонистон зиёни зиёд диданд. Зиддият ба минтақа таъсири ноҳуш мерасонад ва бояд бартараф карда шавад. Ҳар як кишвари минтақа дар Афғонистон манфиатҳои худро дорад ва бояд барои муваффақ шудан ба сулҳ дар кишвари ҳамсоя муттаҳид бошанд.

Мутаассифона, пештар байни кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ баҳри истиқрори сулҳ дар Афғонистон ҳамкории самарабахш мушоҳида намегардид.

Бовар дорам, ки ҳама гуна ҳаракати ба ҷараёни танзими сулҳхоҳона дар Афғонистон нигаронидашуда, бояд аз ин минтақа бархезад. Агар дар Афғонистон сулҳу салоҳ қарор ёбад, ин барои минтақа, барои тамоми кишварҳои минтақа ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ муфид хоҳад буд.

Баъди батамом аз Афғонистон берун шудани қувваҳои ҳарбии хориҷӣ мамлакат бо зарурияти барқарор намудани иқтисодиёт рӯ ба рӯ мегардад. Вобаста ба ин Ӯзбекистон, Покистон ва мамлакатҳои дигар, ки бо Афғонистон бевосита ҳамсарҳад мебошанд, баҳри барқарор гардидани ин кишвар нақши муҳим мебозанд, зеро ғайр аз марзҳои умумӣ моро инчунин таърих, дин, маданияти умумӣ, қаробати забонҳо ва бисёр ҷузвҳои дигар алоқаманд мекунанд. Ман фикр мекунам, дигар кишварҳои асосии ҷаҳон низ бояд ба нақши муҳими мамлакатҳои ҳамсоя бобати истиқрори иқтисодии Афғонистон бартарӣ диҳанд.

Хурсандиовар аст, ки дар ҷараёни сафари намояндаи махсуси ИМА оид ба Афғонистон Залмай Халилзода ҳамроҳи мансабдори баландмартабаи амрикоӣ, ки ба масъалаҳои сармояҳо, лоиҳаҳои оид ба рушди иқтисодӣ машғул мебошад, ба Ӯзбекистон, ки ба наздикӣ ба вуқӯъ пайваст, масъалаҳои татбиқ сохтани лоиҳаҳои иқтисодӣ, ҷалби сармояҳо, пешбурди таълим дар минтақа, аз ҷумла дар Ӯзбекистон ва Афғонистон дар маркази эътибори гуфтушунидҳои ӯзбекистониву амрикоӣ қарор доштанд.

Ҳамин тариқ, дар мавриди аз Афғонистон хориҷ гардидани қисми ҳарбиёни хориҷӣ Покистон ва Ӯзбекистон дар раванди барқарорсозии Афғонистон нақши муҳим ва марказӣ хоҳанд бозид, ки барои кори муштарак имконияти хуб хоҳад буд. Барои ин Ӯзбекистон ва Покистон бояд корхонаҳои муштарак ташкил намоянд ва баҳри истиқрори иқтисодии Афғонистон барномаҳо тартиб диҳанд.

**Асосгузор ва директори генералии маркази таҳлилии Покистон «Хонаи Покистон» Роно Муҳаммад Атхар Ҷовид** андеша дорад, ки Ӯзбекистон ба инфрасохтор ва истиқрори иҷтимоиву иқтисодии Афғонистон бевосита ва фаъолона ҷалб гардидааст. Ҷомеаи коршиносони байналхалқӣ саъю кӯшишҳои мунтазам ва амаливу мустақими роҳбарияти Ӯзбекистонро бинобар пешбурди ҷараёни сулҳхоҳона дар Афғонистон баланд арзёбӣ менамоянд.

– Бо вуҷуди тамоми мураккабиҳои вазъият дар кишвари ҳамсоя, ҳамчунин бисёр манфиатҳои гуногунсамт ҷомеаи байналхалқиро зарур аст, ки мулоқоти мусбати байниафғонистониро ба сифати ягона роҳи баромадан аз шароити ба миён омада ва шарти муҳими ҳамаҷониба қатъ ёфтани зӯроварӣ дастгирӣ намояд, – мегӯяд коршинос. – Дар вазъияти мазкур мутгасил давом додани ин ҷараён маҳаки асосии талабот ба шумор меравад.

Вобаста ба ин таҳлилгари покистонӣ пешниҳод намуд, ки ҳамкории тарафайни амалиётгарон ва намояндагони сохторҳои илмиву тадқиқотӣ, коршиносиву таҳлилӣ ҳам дар худи ҶИА ва ҳам дар хориҷи он дастгирӣ карда шавад. Ин ба гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот дар Афғонистон, дарки пурраи табиати зиддиятҳо, коркарди таклифҳои мушаххас бинобар ҷараёни сулҳхоҳонаи Афғонистон мусоидат хоҳад кард, – хулоса намуд ӯ.

**АИ «Дунё».**

---

**Ба пешвози 29-умин солгарди Истиқлолияти мамлакат**

# ШОҲИМАРДОНИҲО АЗ ҒАМХОРИҲОИ ДАВЛАТ МИННАТДОРАНД

Деҳаҳои Шоҳимардон ва Ёрдони ноҳияи Фарғона ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳ ва ғамхориҳои давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ қарор гирифтаанд. Гуфта мешавад, дар чанд соли охир ин деҳаҳо хеле нашъунамо ёфтаву ободу зебо шудаанд. Бунёд ёфтану мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани чандин фароғатгоҳҳо, кемпингҳо, меҳмонхонаҳо ва иншоотҳои хизматрасонӣ низ барои ин гуфтаҳо мисоли равшан шуда метавонанд.

Ҳамаи корҳое, ки анҷом мепазиранд, тибқи қарори Девони Вазирон "Дар бораи чораву тадбирҳои ривоҷ додани салоҳияти сайёҳии вилояти Фарғона" ба вуқӯъ мепайванданд.

– Вақте ки аъзои гурӯҳи корӣ таҳти раёсати ҳокими вилоят Шуҳрат Ғаниев ба ин минтақа сафари корӣ анҷом доданд, шоҳирмардониҳо ва ёрдониҳо онҳоро хеле гарму ҷӯшон истиқбол гирифтанд. Дар ин гурӯҳ роҳбарони садоратҳо ва идораву ташкилотҳо шомил буданд, – мегӯяд масъули дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят Муҳаммадҷон Обидов.

Дарвоқеъ, табиати деҳоти ин минтақа басо зебову обу ҳавои он софу беғубор аст. Ҳоло барои беҳбуди ҳаёти иҷтимоии ин минтақа роҳҳо мумфарш гардида, барои таъмини мардум бо оби ошомиданӣ лӯлаҳо хобонида шудаанд. Нуктаи дигаре, ки боиси зикр мебошад, ташкилу роҳандозии намояндагиҳои идораҳои давлатӣ дар Шоҳимардон мебошад.

Бино ба хабари дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят дар ҷамъомади хосе, ки бо иштироки ҳокими вилоят ва аъзои гурӯҳи корӣ, ҳамчунин бошандагони деҳаҳои Шоҳимардон ва Ёрдон дар амфитеатри тозабунёд баргузор гардид, рафти иҷрои вазифаҳо баррасӣ ва таҳлил карда шуд.

– Ҳар як вазифаҳои таҳти иҷро марҳила бар марҳила ба иҷро мерасанд.Бовар дорам, ба анҷом расидани он кору вазифаҳое, ки барои ин гӯшаи зебои вилоятамон муқаррар шудаанд, баёнгари таваҷҷӯҳи хос ва ғамхориҳои давлат ва ҳукумат ба мардуми он мебошанд, – изҳор кардааст Шуҳрат Ғаниев.

Дар ин рӯзҳо барномаи "Ҳар як хонавода – соҳибкор" дар ин минтақа низ пиёда мегардад. Қарор аст, ки барои он ки мардум ба асалпарварӣ, дӯзандагӣ, чорводорӣ ва амсоли он шуғл варзанд, 2 миллиард сӯм ихтисос дода мешавад.

Маълум шуд, ки тибқи тақозои мардум дар ин гӯшаи вилоят то охири моҳи равон банки хурд ташкил карда мешавад ва одамон метавонанд асъори хориҷӣ харидорӣ кунанд, онро табдил намоянд ва ба ҷойҳои дигар пул фиристанд. Иншоотҳои холимонда, новобаста аз он ки ба кадом шакли мулкдорӣ марбутанд, ба рӯйхат гирифта мешаванд. Ҳокимият он иншоотҳои таҳти тасарруфи давлатро ба соҳибкорон бо шарти ташкил намудани хизмати сайёҳӣ мефурӯшад.

– Мо яке аз фароғатгоҳҳоро ба тасарруфи ҳокимияти вилоят даровардем. Онро ба "Маркази реабилитатсияи занҳо" табдил медиҳем. Ин марказ бо мутахассисон ва таҷҳизоти зарурӣ таъмин карда мешавад. Барои иҷрои ин кор маблағҳои заруриро низ ҷудо мекунем, – гуфтааст Шуҳрат Ғаниев.



Мувофиқи дастур дар Шоҳимардон барои 30 хонавода ба маблағи 200 миллион сӯм гармхонаҳо сохта мешавад. Ҳамчунин, барои беҳбуди таъминоти оби ошомиданӣ ду адад зарфи захиракунанда месозанд. Дар деҳаи Ёрдон 7 километр лӯлаи об мекашанд, 15 километр симчӯбҳои барқ тармим ва аз нав насб карда мешаванд. Ин минтақа ба зарфи захиракунандаи 80 тоннагии гази моеъшуда низ зарурат пайдо кардааст.

Бо интернет таъмин кардани аҳолии ин ду деҳа, ташкил намудани хизмати ветеринарӣ, бунёди корхонаи дӯзандагӣ барои 200 нафар занону духтарони маҳаллӣ аз масъалаҳое маҳсуб меёбанд, ки дар ин ҷамъомад дар атрофи он фикру мулоҳизаҳо ва ибрози назарҳо сурат гирифтанд.

Ҳокими вилоят тақозо намудааст, ки барои иҷрои ҳар як вазифаи муқарраршуда вақти муайян тайин карда мешавад ва иҷрои он дар ҳамон вақти тайиншуда ногузир мебошад.



Гуфта мешавад, ки барои мардуми Шоҳимардон тамоми доруворӣ зарурии тиббӣ ройгон дода мешаванд. Толорҳои варзишӣ бо 15 намуди анҷомҳои зарурӣ таъмин мегарданд, аҳолӣ муддати 24 соат аз нерӯи барқ мустақим истифода мекунанд. Барои ҷавонони шоҳимардонӣ имтиҳонҳои тестӣ барои дохилшавӣ ба макотиби олӣ дар ҳамин ҷо баргузор мегардад.

Ин навигариҳоро аҳолии ду деҳа хеле бо хушҳолии том истиқбол гирифтанд ва дар ҳақи Президент дуоҳои нек карданд.

Дар ҷараёни ин сафари деҳаҳои барои Ӯзбекистон эксклав Шуҳрат Ғаниев ба хонаводаҳо даромад ва бо мушкилоту муаммоҳои онҳо ошно шуд, дар мавриди ҳаллу фасли он ҷораҳои фаврӣ пиёда намуд.

Ба шифохонаи бисёрсоҳавии Шоҳимардон консептраторҳои кислород ва дорувории гуногун тақдим карда шуд.

Аз ин ғамхориҳо мардуми деҳаҳои Шоҳимардон ва Ёрдони ноҳияи Фарғона хеле шоду мамнун шуданд.

– Мо барои ин ғамхориҳо аз давлату ҳукуматамон хеле миннатдорем. Чунин таваҷҷӯҳ ба ин ҷазирачае, ки аз чаҳор тараф дар иҳотаи Қирғизистони ҳамҷавор мондааст, боиси сарфарозиҳои мардуми мост. Президенти муҳтарами мо Шавкат Мирзиёев ҳаргиз моро танҳо намегузорад. Ҳоло дар арафаи 29-умин солгарди Истиқлоли кишварамон 2500 халта орд, 2500 дона равғани панҷлитрӣ ройгон тақсим карда шуд. Аъзои гурӯҳи корӣ зимни ин сафар ба хонаводаҳои зиёд даромада, аз аҳволи онҳо хабар гирифтанд ва бо муаммоҳои онҳо ошно шуданд, – иброз доштааст раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Шоҳимардон Икромҷон Абдухолиқов.

Тавре ки ин ҷо боз қайд шудааст, барои мардуми Шоҳимардону Ёрдон ҳанӯз ҳалли масъалаҳои зиёд низ дар пешанд. Таъмини мошини "Ёрии таъҷилӣ", фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонон, ташкили шабакаи минтақавии хизматҳои давлатӣ ва амсоли он аз ҷумлаи ҳамин масъалаҳои ҳалталаб мебошанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик" дар вилояти ФАРҒОНА.**
**Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).**

---

# СИФАТИ МАҲСУЛОТ – ДАР МАРКАЗИ ДИҚҚАТ

***Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ширкати роҳбарияти Агентии «Ӯзстандарт» дар мавзӯи «Маркази озмоишҳои илмӣ ва назорати сифати Ӯзбекистон» нишасти матбуотӣ ба амал омад.***

Бояд гуфт, мақсад ва вазифаҳои корхонаи давлатии унитарии «UzTest» аз таҷдиди лабораторияҳо, навсозии доимии пойгоҳи озмоиш, бо ёрии ускунаҳои замонавӣ бинобар стандартҳои байналхалқӣ тағйир додани услубҳои санҷиш, ба дараҷаи байналхалқӣ аз аккредитатсия гузарондани лабораторияҳо, ба дараҷаи байналхалқӣ эътироф гардидани натиҷаҳоро таъмин кардан, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва рақобатбардории онро таъмин кардан, афзоиш додани салоҳияти содиротии маҳсулот ва бозори дохилиро аз маҳсулоти бесифат ҳимоя кардан иборат аст.

Дар 16 филиали ҳудудӣ, 32 лабораторияи озмоиш, 7 мақомоти сертификатсозии маҳсулот, бюроҳои кумак ба содироти маҳсулот, мақомоти ҷорӣ кардани низоми менеҷменти сифат ва сертификаткунонӣ, ки шомили КДУ «UzTest» мебошанд, ҳамагӣ 522 нафар мутахассисони баландмалака фаъолият доранд.

Барои таҷдид ва азнавкоркарди лабораторияҳо дар давоми солҳои 2018-2019 16,4 миллиард сӯм маблағ равона карда шудааст. Дар натиҷа 383 усулҳои озмоиши иловагӣ аз худ карда шуд, ки аз он 171-тоаш байналхалқӣ мебошад.

Лозим ба зикр аст, ки байни ширкати «Exporta»-и Чехия ва бонки UniCredit қарордод ба имзо расидааст. Айни замон дар полигони автомобили Пискент корҳои сохтмони лаборатория бурда мешавад.

Мувофиқ ба қарори ҳокими ноҳияи Пискент аз ҳудуди ҶШМ «Лоларик»-и ноҳияи Пискент 20 га замин ҷудо карда шуда, корҳои зерин амалӣ мегарданд: топохаритаи майдони замин ташкил карда шуд ва корҳои ҷустуҷӯи геологӣ ба анҷом расид, корҳои бунёдкорӣ 80 фоиз иҷро шуданд, ба лаборатория ба миқдори 1,5 млн. евро ускунаҳои озмоишӣ оварда шуданд.

Дар натиҷа мувофиқи талабҳои стандарти байналхалқӣ ташкил гардидани лабораторияи баҳогузорӣ ба мутобиқшавии электромагнитии автомобилҳо, баланд бардоштани малакаи ходимон ва ба дараҷаи байналхалқӣ аз аккредитатсия гузарондани лаборатория муайян карда шудааст.

Бинобар маълумоти дастрас дар давоми 8 моҳи соли 2020 се навъи маҳсулот бо маблағи беш аз 907 млн. сӯм ба талабҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ номувофиқ дониста шуд.

**Х.ҲАМИДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



БА МУНОСИБАТИ 100-УМИН СОЛГАРДИ ЗОДРӮЗИ АКАДЕМИК ОСИМӢ

# АЛЛОМАИ ДАВР

Моҳи майи соли 1985 буд. Бо чанде олимони ӯзбекистонӣ ба Душанбе барои иштирок дар рӯзҳои анъанавии Айнихонӣ рафтем. Дар маҷлисгоҳи Фарҳангистони улуми Тоҷикистон Айнихонӣ оғоз ёфт. Ҳангоми баромад як ҳамкасбамон ба масъалае дахл намуд, ки ба мавзӯи худ иртиботе надошт. Ин буд, ки як адабиётшиноси ҷавони тоҷик дар маърӯзааш фикри ӯро батамом рад кард. Бад-ин тариқ, анҷумани солона ба баҳс — ҷанги даҳонӣ табдил ёфт. Инҷониб низ ба сухан баромада таъкид намудам, ки мо бояд диққатамонро ба паҳлӯҳои омӯхтанашуда ё камтар омӯхташудаи ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ ҷалб намоем. Раиси анҷуман, донандаи илмҳои Шарқ, академик Муҳаммадҷон Осимӣ фикри инҷонибро тасдиқ намуда, хост ба баҳс хотима бахшад.

Вақте анҷуман кори худро ба охир расонд, дар ҳузури устод Осимӣ суҳбати гарме ба вуқӯъ пайваст, вай дар рафти суҳбат изҳор дошт: «Ба баъзе олимони мо маданияти маърӯза намерасад, онҳо дар куҷо, ба кӣ, чӣ гуфтанашонро намедонанд». Ин суҳбат маро ба ӯ боз ҳам наздиктар кард.

Баъди он, ҳар боре, ки ба Душанбе мерафтам, ҳаракат мекардам, ки аз суҳбаташ баҳраманд гардам. Рӯзҳое, ки Ассамблеяи маданияти халқҳои Осиёи Марказӣ созмон меёфт, бо нависандаи шинохта Зайниддин Дӯстматов озими шаҳри Душанбе гардидем. Арбобони фарҳанги Тоҷикистон моро гарм пазируфтанд. Вақте дар Ҷамъияти «Пайванд» будем, раиси он академик Муҳаммадҷон Осимӣ ин ташаббусро бо мамнуният истиқбол гирифт.

— Ҳамидҷон, мо дар бораи робитаҳои адабию фарҳангии тоҷику ӯзбек тадқиқот анҷом медиҳем, рисолаҳо иншо мешаванд, бисёр ҳарф мезанем, аммо ба ҷиҳати амалии масъала эътибор намедиҳем, — гуфт устод Осимӣ. — Ҷиҳати амалии ин кори маърифатӣ он аст, мо бояд ба ҳузури халқи меҳнаткаш биравем. Кош, ин ташаббус низ аз шумоён мебаромад. Бигирем, як гурӯҳ арбобони фарҳанги ӯзбеку тоҷик аз ноҳияҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон ва ноҳияҳои ӯзбекнишини Тоҷикистон дидан карда, бо халқ бевосита мулоқот кунем. Дар ҳамон сурат собит менамудем, ки мо як халқи дузабона ҳастем...

— Устод дуруст мегӯяд, — ба суҳбат ҳамроҳ шуд шарқшиноси номӣ, профессор Аълохон Афсаҳзод.— Шурӯъ аз Хоразмӣ — муаллифи «Муҳаббатнома», қариб ҳамаи шоирони ӯзбек зуллисонайн будаанд. Баъзеи онҳо ба забони форсӣ девон низ доштаанд. Алишер Навоӣ бо «Девони Фонӣ»-и хеш ба рушди адабиёти форсӣ-тоҷикӣ саҳм гузоштааст. Амир Шайхими Суҳайлӣ, Восифӣ, Саҳбо, Маъдан, Савдо, Фахрии Рӯмонӣ, Асирӣ ва Нозили Хуҷандиҳо бо забони ӯзбекӣ низ осори пурмуҳтаво офаридаанд. Вақти он расидааст, ки ин хазинаи тиллоии маънавиро дар шакли китобҳои алоҳида нашр намуда, ба халқҳоямон пешкаш кунем.

Хулоса, мо аз Душанбе бо як олам таассурот баргаштем. Устод Осимӣ бобати созмон додани Ассамблеяи фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ саҳми назаррас гузоштааст. Тирамоҳи соли 1996 тибқи қарори ЮНЕСКО дар Хуҷанд доир ба мавзӯи «Таърихи маданиятҳо, вазъи имрӯз ва оянда» анҷумани байналхалқӣ баргузор шуда буд. Дар он олимони беш аз 20 мамлакат бо маърӯзаҳои худ ширкат ҷустанд. Аз Ӯзбекистон роқими ин сатрҳо ва доктори илмҳои фалсафа, профессор шодравон Фозилҷон Исмоилов иштирок намуданд.

Анҷуман таҳти раёсати аллома Осимӣ гузашт. Ҳамон вақт ман аз вусъати тафаккур ва забондонии бузургвор ангушти ҳайрат газидам. Зеро ӯ бо олимони Аврупои Ғарбӣ бо забони англисӣ, бо уламои Шарқ бо забонҳои арабӣ, форсӣ ва урду табодули афкор менамуд. Дар рафти як суҳбат профессори Донишгоҳи Пешовар Аҳмади Дурронӣ гуфт: «Устод Осимӣ алломаи давр аст, ӯро дар ҳамаи мамлакатҳои Шарқ мешиносанд».

Бале, Муҳаммадҷон Осимӣ созмондиҳандаи бисёр анҷуманҳои байналхалқӣ буд. Ҳамчунин, ӯ ба сифати яке аз роҳбарони гурӯҳи омӯзандагони таърих, маданият ва адабиёту санъати Шарқи Наздику Миёна дар назди ЮНЕСКО ба тадқиқотҳои бисёрҷилдае, мисли «Адабиёти ҷаҳон», «Таърихи ҳунари тасвирии халқҳои Мовароуннаҳру Эрон» сарубар шудааст.

Муҳаммадҷон Осимӣ соли 1920 дар шаҳри Хуҷанд дида ба дунё кушодааст. Соли 1941, баъди хатми факултаи физикаю математикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ, дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба ҳайси омӯзгор, мудири кафедраи физика, проректор ифои вазифа кардааст. Сипас солҳои тулонӣ дар созмонҳои давлатию ҷамъиятӣ вазифаҳои пурмасъулро бар дӯш дошт. Соли 1965 президенти Фарҳангистони улуми Тоҷикистон таъин гардид. Вай муаллифи садҳо тадқиқоти илмӣ доир ба таърихи фалсафаи Шарқ, илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ, адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Аз ҷумла, олим муайян намуда, ки дар Шарқ назарияи алгоритм ва атомистикаи материалистӣ вуҷуд доштааст. Ҳамчунин, бо далелҳои раднопазир собит намуд, ки дар инкишофи соҳаҳои гуногуни тамаддуни Ғарбу Шарқ таъсири назаррас дорад. Даҳҳо рисолаҳои устод аз қабили «Пайдоиш ва такомули тафаккури фалсафӣ», (1970), «Дорулфунуни нахустини мо», «Фалсафаи Хусрави Деҳлавӣ», (1976), «Материя ва тасвири физикии олам», (1966), «Таърихи омӯзиши сохтори этникии халқҳои Осиёи Марказӣ» (1977) дар сатҳи байналхалқӣ аз ҷониби аҳли илму адаб эътироф гардидаанд. Олим ба ҷуз ин, доир ба зиндагинома, фаъолияти эҷодӣ ва афкори фалсафии Ал-Хоразмӣ, Ал-Фарғонӣ, Форобӣ, Берунӣ, Ибни Сино ва Аҳмади Дониш тадқиқотҳои пурарзиш анҷом додааст. Ӯ соли 1980 сазовори Ҷоизаи байналхалқии Ҷавоҳирлаъл Неҳрӯ гардида буд. Устод Осимӣ аз муаллифони фаъол ва узви ҳайати таҳририяи маҷаллаҳои илмии хориҷии «Осиёи Марказӣ» (Покистон), «Таърихи илм» (Ҳиндустон) ва «Таърихи илми араб» (Сурия) буд.

Муҳаммадҷон Осимӣ аз дӯстони наздик ва ҳамкори олимони ҷумҳурии мо буд. Ӯ бобати омӯхтан ва дар миқёси байналхалқӣ тарғиб намудани таърихи илм ва фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ, дар баробари академикҳои мо Азиз Қаюмов, Муҳаммад Хайруллоев, Бурибой Аҳмедов кӯшиши зиёде ба харҷ додааст. Сад афсӯс, ки чунин як алломаи аср соли 1996 аз ҷониби террористон парронда шуд. Агар устодро марги нобаҳангом аз байни мо намебурд, асарҳои зиёде таълиф менамуд, ба бисёр олимони ҷавон роҳнамоӣ мекард. Аммо ӯ бо тадқиқотҳои анҷомдода ва корҳои некаш зиндагии рӯҳониашро идома медиҳад, ба қавли Шайх Саъдӣ:

*Зиндаи ҷовид монд*
*ҳар кӣ накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри*
*хайр зинда кунад*
*номро.*

**Ҳамидҷон ҲОМИДӢ,**
**профессори**
**Донишгоҳи забон**
**ва адабиёти ба номи**
**Алишер Навоӣ.**



# Дар Чодак – маҷмӯи сайёҳӣ

***Чодак яке аз деҳаҳои зебоманзару дилфиреби қаторкӯҳҳои Чотқол воқеъ дар ноҳияи Попи вилояти Наманган буда, гирду атрофашро дарахтони сояафкан иҳота карда, аз мобайнаш оби Чодаксой ҷорӣ мешавад.***

Барои ҳамин ҳам одамон ҳар сол рӯзҳои тобистон аз ҳамаи гӯшаҳои водии Фарғона ба ин ҷо барои истироҳат меоянд. Солҳои охир дар деҳа барои истироҳати бофароғати сайёҳон ҳамаи созгориҳо фароҳам оварда мешаванд.

Ҳозир дар деҳа аз тарафи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Аппарат хотел космос», дар 2 гектар майдон меҳмонхонаи ҳозиразамон ва маскани истироҳат барпо мешавад. Маҷмӯи сайёҳӣ 120 ҷой дошта, арзиши умумии лоиҳа 800 ҳазор долларро ташкил мекунад. Аз ин 400 ҳазор доллараш аз ҳисоби маблағи ҳамкорони хориҷӣ ба роҳ монда мешавад. Пас аз ба фаъолият шурӯъ кардани маҷмӯи сайёҳӣ 50 нафар бошандагони деҳа бо кори доимӣ банд мешаванд.

– Дар маҷмӯа барои сайёҳон на фақат хидмати меҳмонхона, балки хӯрокворӣ, нақлиёт, алоқа, саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ ва ҷолиби диққат, солимгардонии тиббӣ ва варзиш, ороишгоҳ ба роҳ монда мешавад, – гуфт роҳбари ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Строй лидер»-и Русия Дилшодҷон Тӯрахӯҷаев.

Имрӯзҳо дар ин ҷо аз ҳисоби 200 ҳазор доллари маблағи сармоягузорони хориҷӣ бинои маъмурӣ ва ҳавзи шиноварӣ бунёд мегардад.

**А.МУРОДОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*



# МАКТАБҲОИ УСТОД-ШОГИРД БОЯД ДАВОМ КУНАНД

Назар ба маълумотҳо, санъати кулолгарӣ ба таърихи 7 ҳазорсола молик буда, ин ҳунар дар диёри мо низ аз ҷониби авлодон эъзоз карда мешавад. Академики Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон, устои кулол Шариф Азимов 50 сол инҷониб бо кулолгарӣ машғул аст.

– Барои пурра азхуд кардани ин ҳунар ҳар инсон бояд аввало истеъдод дошта бошад, – мегӯяд кулоли варзида. – Сир ва нозукиҳои кулолгариро ба ман устоди касб марҳум Умар Ҷӯрақулов омӯзонд, ки аз вай як умр миннатдорам. Албатта, ин санъатро омӯхтан мумкин, аммо он ҷараёни мураккабест, ки роҳ ва услуби муайян дорад. Танҳо бо меҳнати муттасил дар давоми солҳо он самар доданаш мумкин. Устоди ман дар давоми фаъолияти худ бештар аз 50 шогирд тайёр кард ва дар рушди кулолгарӣ ва бардавомии он ҳиссаи муносиб гузошт. Имрӯз ба сифати шогирди кенҷаи устод муносиб давом додани корҳои амалии ӯро вазифаи худ мешуморам.

Шариф Азимов тӯли солҳои зиёд дар муассисаҳои таълимии махсус ба ҷавонон сабақ додааст. Устоде, ки беш аз 30 нафар шогирд баровардааст, ҳоло бинобар аз байн рафта истодани анъанаҳои «устод-шогирд» дар ташвиш аст.



– Барои мукаммал омӯхтани кулолгарӣ камаш даҳ сол дар назди устод бояд сабақ омӯхт, – мегӯяд Ш.Азимов. – Аксарият фикр мекунанд дар ин касб маҳорат чизи асосист. Не, дониш низ зарур. Бояд аз таърихи халқ ва фарҳанги он огоҳ гашт. Фақат дар ҳамин ҳолат асар ҷиҳатҳои ба худ хос пайдо мекунад. Имрӯзҳо, ба назарам, ҷавононамон андак бепарво ва корнохуш. Мехоҳанд натиҷаи кори саршударо зудтар бинанд. Вале ҳунаромӯзӣ саросемагиро намеписандад. Дигар, ҷои кори аксарияти устоҳо хонадони онҳо шуда мондааст. Дар ин гуна хонадонҳои кӯчак имкониятҳои ба таври дилхоҳ тарбия намудани шогирдҳо маҳдуд. Агар устоҳо имкони ташкил кардани устохонаҳоро пайдо созанд, шубҳае нест, ки дар ҳар самт мактабҳои «устод-шогирд» аз нав ҷоннок мешаванд.

**Дар сурат:** кулол **Шариф Азимов** ва намунаҳо аз эҷоди ӯ.

**Суратгир:**
**А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).**

***ДИҚҚАТ, ОЗМУН!***

# «АЗ ҲАМА БУЗУРГ, АЗ ҲАМА АЗИЗ»

**Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ӯзбекистон, Агентии миллии «Ӯзбеккино», Академияи бадеии Ӯзбекистон, Ассотсиатсияи эҷодии «Тасвирий ойина», Ширкати миллии телевизиону радиои Ӯзбекистон, Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммавии электронии Ӯзбекистон бахшида ба 29-умин солгарди истиқлолияти мамлакатамон азназаргузаронӣ-озмуни анъанавии «АЗ ҲАМА БУЗУРГ, АЗ ҲАМА АЗИЗ»-ро эълон менамояд.**

Ба озмун асарҳои эҷодие, ки дар худ ғояи асосии – «Ту сарчашмаи нерӯ, даргоҳи бахту саодат ҳастӣ — Ӯзбекистони азиз!»-ро ифода намудаанд, ислоҳоти куллиеро, ки дар доираи Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти устувори рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021, инчунин Барномаи давлатии «Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ» оид ба ободонии кишвар, баланд бардоштани қудрати иқтисодии он, обрӯ ва нуфузи афзояндаи Ӯзбекистон дар ҷомеаи ҷаҳон, пайваста идома додани дигаргунсозиҳо дар ҳаёти давлат ва ҷомеа дар давраи пандемия татбиқ мегарданд, дар асоси мисолҳои ҳаётӣ ва таҳлили илмии асоснок холисона, ростқавлона равшан намудаанд, қабул карда мешаванд.

Азназаргузаронӣ-озмуни анъанавии «Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз!» бинобар номинатсияҳои зерин гузаронда мешавад:

– **асарҳои бадеии нависандагону шоирон;**

– **корҳои журналистии кормандони ВАО-и чопӣ;**

– **маводҳои интернет-журналистика, ки дар веб-сомонаҳои ба сифати воситаи ахбори оммавӣ ба рӯйхат гирифташуда пешниҳод шудаанд;**

– **маводҳои кормандони эҷодии телевизион ва радио;**

– **асарҳои санъати амалӣ, корҳои аккосӣ ва дизайн;**

– **асарҳои санъати кино.**

Дар доираи озмун ба муносибати 30-солагии қабул гардидани Эъломияи истиқлолият барои эҷодкорони ВАО-и чопӣ, веб-сайтҳо, шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ оид ба ҳар як самт яктогӣ номинатсияи ҳавасмандгардонии «Барои беҳтарин маводи журналистӣ» ҷорӣ карда мешавад.

Ба азназаргузаронӣ-озмун аз 15 августи соли 2019 то 15 августи соли 2020 асарҳои адабиву бадеии расман чопшуда, мақолаҳои дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва интернет-нашрҳо эълоншуда, маводҳои дар радио ва телеканалҳо нашршуда, асарҳои санъати амалӣ ва кино то 10 сентябри соли ҷорӣ қабул карда мешаванд.

Голибони озмун моҳи сентябри соли 2020 сарфароз гардонда, рӯйхати онҳо дар матбуот эълон карда мешаванд.

Мувофиқи қоидаҳои карантин, ки бо сабаби пандемияи коронавирус муқаррар шудааст, асарҳои ба озмун пешниҳодшуда ба тартиби онлайн қабул карда мешаванд.

Иштирокчиён метавонанд корҳои эҷодии худро ба почтаи электронии tanlov2020@aimc.uz ё канали Telegram @tanlov2020 (бо иловаи маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф ва фаъолияти касбӣ, нусхаи шиноснома, суроға ва рақамҳои тамос) бо унвони **«Барои азназаргузаронӣ-озмуни «Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз!»** ва **«Барои номинатсияи «Беҳтарин маводи журналистӣ»** дар андозаҳои зерин:

— асарҳои бадеии нависандагон ва шоирон, асарҳои журналистии кормандони ВАО чопӣ — **дар формати pdf**;

— маводҳои журналистикаи интернетӣ, ки дар веб-сомонаҳои ҳамчун васоити ахбори умум бақайдгирифташуда пешниҳод карда шудаанд — **бо нишон додани истинод**;

— асарҳои санъати тасвирӣ, суратгирӣ, дизайн - **дар андозаи JPG**;

— асарҳои санъати кино — дар андозаи AVI **бо истиноди google disk, yandex disk ё дигар захираҳои виртуалӣ (истинод бояд дар давоми 30 рӯз эътибор дошта бошад)**;

— маводи кормандони эҷодии телевизион ва радио - **дар андозаҳои mp3 ва AVI бо истинод ба google disk, yandex disk ё дигар захираҳои виртуалӣ (истинод бояд дар давоми 30 рӯз эътибор дошта бошад)**.

**Эзоҳ:** асарҳои бадеии нависанда ва шоирон аз рӯи ҳаҷм бояд ҳадди ақалл як китоб, асарҳои санъати кино — ҳадди ақалл як филми пурра, маводи кормандони воситаҳои ахбори оммавии чопӣ ва электронӣ, асарҳои санъати тасвирӣ, аксҳо, корҳои дизайнерӣ — ҳадди ақалл се асар бошанд.

Барои маълумоти иловагӣ метавонед ба Агентӣ оид ба ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба телефони: (71) 244-32-33 муроҷиат намоед.

**ЎзА.**

# МАРКАЗҲОИ МИЛЛӢ-ФАРҲАНГӢ СОҲИБИ МОШИН ВА МАБЛАҒ ШУДАНД

***Ҳокими вилояти Фарғона Шӯҳрат Ғаниев дар арафаи иди истиқлолият ҳашт маркази миллӣ-фарҳангиро бо мошини "Дамас" ва 50 миллион сӯмӣ маблағ сарфароз гардонид.***



– Ин марказҳои фарҳангӣ дар ривоҷу равнақи расму оин ва анъанаҳои миллии худ, ҳамчунин боло рафтани иқтисодиёт, мустаҳкам шудани дӯстиву бародарии байни халқҳо хеле хизмати шоиста анҷом медиҳанд. Ин мошинҳо ва маблағ ба миқдори 50 миллион сӯмӣ боис хоҳад шуд, ки фаъолияти марказҳои миллӣ-фарҳангӣ боз бештар доман фарох намояд, – гуфт Шӯҳрат Ғаниев.

Дар вилоят алҳол марказҳои миллӣ-фарҳангии тоҷик, рус, белорус, қазоқ, қирғиз, корейс, тотору бошқирдҳо ва немисҳо фаъолият мекунанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик"**
**дар вилояти Фарғона.**

# "ШАБАФРӮЗ"-И ЛЕНБУР

***Дар ҷамоати шаҳрвандони Ленбури ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона таҳти ҳамин ном ташкилоти таълими томактабии хусусӣ кушода шуд. Ин панҷумин муассисаи таълими томактабии хусусӣ дар қаламрави ноҳияи мазкур мебошад.***

Қарор аст, ки боз панҷ чунин ташкилоти таълими томактабии хусусӣ дар ин ноҳия ифтитоҳ меёбанд ва дар он кӯдакони аҳолии шаҳраку деҳот ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд.

Соҳибкорзан Мамлакатхон Ҷӯраева дар ифтитоҳи ин ташкилоти таълими томактабӣ азму қарор кардааст. Ба гуфтаи ӯ тармиму тайёр кардани ҳавлиашон барои кушодани ин боғча мусоидат намуд. Дар он ҳамаи шароит барои роҳандозии ин кор фароҳам оварда шудаанд.

– Дар айни ҳол 15 нафар кӯдакони то шашсолаи мардуми деҳа ба таълиму тарбия фаро гирифта шуданд. Дар оянда теъдоди кӯдакон боз ба панҷ нафар афзоиш хоҳад ёфт, – мегӯяд Мамлакатхон Ҷӯраева.

**Файзулло**
**ИБРОҲИМОВ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*




**Асадуллоҳи АТОУЛЛОҲ:**

# «ШАШМАҚОМ» – ҶОНУ ДИЛАМ



Он рўз дар яке аз гўшаҳои хушбоду ҳавои Самарқанд иди касбии кормандони матбуот ва расонаҳои ахбори оммавӣ идома дошт. Ба саҳна ҳофизони номдор як-як баромад карда, бо сурудҳои дилошўб табъи ҳозиронро болида месохтанд. Ногоҳ баранда эълон кард, ки навбат ба Ҳунарпешаи хидматнишондодаи Тоҷикистон Асадуллоҳи Атоуллоҳ дода мешавад.

Баъди кафкубиҳои бардавоми аҳли толор аз паси парда чеҳраи марди маллаандоми хушсару либос, ки дар даст тор дошт, пайдо гашт. Вай даст пеши бар гирифта, аввал нимтаъзимкунон салом дод, сипас бидуни саросемагӣ, бо нармӣ, озоду равон сурудашро оғоз кард:

*Биё, ки зулфи каҷу чашми сурмасо*
*инҷост,*
*Нигоҳи гарму адоҳои дилрабо инҷост...*

Вақте суруд ба поён расид, садои пурмавҷи мухлисон гўё толорро ларзонд. Асадуллоҳ таъзимкунон ақиб рафту қарсак авҷ гирифт. Мазмун: боз якта шавад! Ин дафъа вай ба забони ўзбекӣ суруди «Қалам дардамро навис»-ро иҷро кард.

Асадуллоҳ, ҳангоми дар мактаби рақами 1-уми ноҳияи Ургут таҳсил гирифтан, дил ба санъат баста буд. Вай овони таҳсил дар синфи шашум бо суруди «Гулнора меояд ба рақс» дар озмуни ноҳиявӣ ғолиб омада, роҳхат ба мусобиқаи вилоятӣ гирифт. Сипас вай натанҳо дар чорабиниҳои мактабӣ, инчунин шаҳрию вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок карда, ба эҳтироми мухлисон соҳиб мегашт.

Муҳаббат ба санъат ўро ба Душанбешаҳр бурд. Ҳуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи санъати ба номи Мирзо Турсунзода супурда, аз имтиҳони қабул сарбаландона гузашт.

Агар дар мактаби миёна аз устоди нахустинаш Собирҷон Исмоилов захма ба тор задану суруд иҷро карданро омўхта бошад, дар пойтахти Тоҷикистон аз Аҳмад Бобоқулов, Барно Исҳоқова, Ҷўрабек Набиев ва дигарон асрори овозхониро ёд гирифт. Пас аз соҳиби диплом шудан, фаъолияти меҳнатиро дар дастаи ҳунарии шашмақомхонони назди идораи симо ва садои Тоҷикистон оғоз кард. Дере нагузашта навоварӣ ва ҷустуҷўҳои эҷодии ўро ба ҳисоб гирифта роҳбари гурўҳ таъин намуданд.

– Самарқанд – тамаддуни Шарқ ва зодгоҳи ҳофизи номдор Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов аст, – мегуфт ба ў ҳангоми суҳбат Барно Исҳоқова, – ана барои чӣ талаб аз шумо дучанд аст. Умуман, умедамон аз шумо калон.

Асадуллоҳ аз суханони устодаш рўҳи тоза гирифта, пайваста машқ мекарду истеъдоди худро сайқал медод, ба бойгонии радиои Тоҷикистон роҳ ёфта, сурудҳои Ҳоҷӣ Абдулазизи самарқандиро бо диққат гўш мекард. Ба ивази меҳнат ва ҷустуҷўҳои эҷодӣ маҳорати сарояндагии ў ба тадриҷ афзуд. Албатта, варақ задани рисолаҳои мусиқӣ роҷеъ ба «Шашмақом» низ фоида дод. Шояд аз ҳамин сабаб сафарҳои эҷодии ў ба Берлин, Теҳрон, Деҳлӣ, Тошканд, Истаравшан, Арабистони Саудӣ хеле хотирмон буд.

Ҳоло Асадуллоҳ эҷодкори озод буда, бо тарғиби «Шашмақом» банд аст. Аз ҳама муҳимаш шогирдони бешумор дорад, ки анъанаи неки ўро идома медиҳанд.

Бо писари ягонааш Комрон пайваста машқ карда, сурудҳои наву тоза эҷод менамоянд. Дар репертуари онҳо шеърҳои шоирони классику муосир Хоҷа Ҳофиз, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Ҳилолӣ, Фузулӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Лоиқ Шералӣ, Ҷумъаниёз Ҷабборов, Эркин Воҳидов, Ҷаъфари Муҳаммад ва дигарон фаровонанд.

– Рост мегўянд, ки ҳар бадӣ некӣ доштааст, – изҳор дошт Асадуллоҳи Атоуллоҳ, – дар вақти пандемия мо – ҳофизон гўё «хонашин» шудем. «Аз бекорӣ – кадукорӣ» – бо писарам ба панҷ суруди тоҷикӣ ва ҳамин қадар суруди ўзбекӣ оҳанг бастем, ки моли шоирони муосир мебошанд.

– Ҳар ҳунарманд, ба ҷузъ овозхонӣ бо касбу коре машғул аст...

– Донистам, ки аҷдоди мо ҳалвопаз будаанд. Агар ҳофиз намешудам, анъанаи неки онҳоро идома медодам. Бинобар ҳамин, гоҳгоҳ бо ширинипазӣ машғулам. Барои худситоӣ не, бояд бигўям, ки пухтани қариб даҳ хел палав ва кабоби тўй аз дастам меояд. Шояд аз ҳамин сабаб ҳангоми ҷамъ омадани ёру дўстон ҳамкасбам Мардони Мавлон ба исрор талаб мекунад, ки шахсан ман кабоб ва палави самарқандӣ тайёр кунам.

Мақсади ман дар анҷумани байналхалқии мақомчиёне, ки дар шаҳри Шаҳрисабз имсол баргузор мегардад, иштирок кардан аст,зеро шашмақом ҷону дилам, — мегўяд ў.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
*вилояти САМАРҚАНД.*

# МЎРЧАИ САРКАШ

**(Масал)**

Як гурўҳи мўрчагон дар буни садаи солхўрдае сукунат доштанд. Ҳар рўзи баҳор, тобистону тирамоҳ кори мўрчаҳо пораи хўрокаро бо лабони анбўрвор гирояшон доштан ва ба сўйи масканашон шитофтан буд. Онҳо аз субҳи содиқ то шоми торик дар қатора бор мекашиданд. Аз такрор ва якрангии ин кор дили мўрчае ба танг омад. Аз миён ва пойҳои сўзаносо борики ў асари хастагӣ ҳувайдо буд.

Рўзе ин мўрчаяк аз силсилаи мўрчагон берун шуда, хўрокае пайдо карда хўрд ва дар сояи як барги хушкидаи гелос хуфт. Сардори силсилаи мўрчагон мўрчаи хобидаро насиҳат карда мегуфт:

– Дар оворагардӣ буду боши мўрча мушкил аст. Бидон, ки зўру тавони мўрчагон дар муттафиқӣ ва иҷтимоъ аст. Ба қароргоҳи мо баргард, то ки амон бошӣ. Мўрчаи саркаш ба сардори қатораи мўрчагон гуфт:

– Барои ғамхориатон ташаккур! Ман ба маскани мўрчагон баргаштан намехоҳам. Аз давутози якмароми боркашиатон ҷонам ба лаб омадагӣ. Ман ба танҳоӣ буду бош доштан мехоҳам.

Мўрчаи саркаш аз силсилаи мўрчагон дур шуду аз иттифоқи онҳо ва муттафиқӣ берун монд.

Дар аснои ҷустуҷўйи хўрока дид, ки дар ҷое чанд халта загир рехта шудааст. Вай хурсанд шуду чанд донаи загирро ба сўрохи деворе, ки барои сукунат ихтиёр карда буд, захира кард. Ў мехост, ки аз загир барои зимистонгузаронӣ захира кунад, зеро ки вай хўрокаи музаххар надошт. Вақте ки ба ҷойи загири рехташуда рафт, дид, ки деҳқоне загирро ба халтаҳо меандохт ва онҳоро ба ҳар бор карда мебурд.

Мўрча хост, ки чанд донаи загирро ба ҷойи маскунаш барои захира барад. Вале, вақте ки байни алафҳо як донаи загирро пайдо карда мебурд, дар зери суми харе монду пойҳои ақибаш лат хўрданд. Вай ба болои чўби пўсидае баромада кирмеро пайдо кард ва ба вай часпид. Мўрча кирмро газида куштан мехост. Кирм аз ҳавли ҷон худро ба ҳар тараф мезад. Иттифоқан боди сарсарӣ вазида мўрчаро бо кирм бардошта бурд ва ба толобе андохт.

Мўрча ҷидду ҷаҳд карда бо як азоби алим ба болои барги бодоварде баромад. Ин вақт забони часпаки қурбоққае ба мўрча часпид ва вайро ба лабаш гирифту фурў бурд. Вай дар шиками қурбоққа қарор гирифта бо таассуфу надомат мегуфт: Во дареғо, чаро худсарӣ кардам. Ба насиҳати сарвари мўрчагон гўш накардам. Ҳоло тўъмаи қурбоққае гаштам.

Пушаймонӣ дигар суд надошт. Қурбоққа ба болои барги нилуфаре баромада бо қурқуру қур дар оҳанги бам байтеро замзама мекард:

*Ҳон, талаф гардад*
*ба соҳил чакраи*
*амвоҷи маҷро,*
*Чун ҷудо шуд аз*
*тифоқӣ қатраҳои*
*оби дарё.*

**Малик КАБИРОВ.**

# АРАҚИ ХИҶОЛАТ

**(Ҳикоя)**

– Ана ин ҷойи мо будааст. Мебахшед, мо каме дер мондем, – мард як ба даъватнома ва як ба навиштаҷоти рақами рўйи миз нигариста гуфт. Вале гирди миз фақат як курсии холӣ буд. Вай ба курсӣ нишаст ва зуд аз ҷой хест.

– Бачаҳоро пеши модарашон монда наомадед-дия? – гуфт яке, ки аз ин суханони маслиҳатомез оҳанги пичингаш бараъло ҳувайдо буд.

– Ҳоло барвақт. Монед, инҳо зиндагонӣ кунанд, – ҷавоб дод. Вай чӣ кор карданашро надониста, арақи сару рўяшро пок кард. Ў ба куҷо ҷойгир кардани фарзандонашро намедонист. Дар саҳни боғи калоне зиёфати расмии идона давом меёфт. Рўйи мизҳо бо гули меваю хўрокиву нўшокиҳо оро ёфта буд.

Дар паси мизҳои пурнозу неъмат роҳбарон, шахсони маъруфу машҳур, пешқадамони соҳаҳои гуногун менишастанд. Ҳама бо галстук ва шиму костуми зебо, ришу мўйлабҳои тарошида, занҳо аз ҳаррўза ҳам зебову дилбар ба назар мерасиданд.

Ҳамин вақт боз се бача омад. Як духтарчаву ду писарак. Сару либоси ў нисбати дигарон оддитару хоксорона менамуд.

– Саҳл дер мондед, хайр ҳеҷ гап не, – гуфт ҳампаҳлўи дасти росташ. – Бачаҳоро ҳам овардед, нағз. Ва киноямез илова кард. – Ишкамашонро сер карда меравaнд.

– Ҳамин хел шуд, – сурх шудаву забон хоид мард. Вале барои бачаҳо ҷой набуд. Байни обу оташ монд.

– Ин одам ба куҷо омаданашро намедонад? – марди ишкамкалони рў ба рў ба гўши ҳампаҳлўяш пичиррос зад. – Худаш ҳам латтамард барин. О бачаву оча мегўянд. Ҳампаҳлўяш ҷавобе надод. Онҳо боз хўрдану нўшидани худро давом доданд. Дар як гўша санъаткорон хидмат мекарданд. Бачаҳо дар атрофи падарашон рост истода, чашми худро аз рўйи миз намеканданд.

– Гиред! – ҳампаҳлўи дигараш ба хўрдану нўшидан муроот кард.

– Албатта, албатта! – гуфт мард ва аз шарм бо даструймол арақи сару гарданашро пок кард. Гапҳои бачаҳоеро, ки ба гўшаш мегуфтанд, бо ишораи сар инкор мекард. Баъд шармидаву кебида аз пешонии духтарчаву писарча, ки ҳамсин менамуданд, бўсид ва сари писараки калониро сила карда, ба як гўшаи боғ бурд, ки ҳунарнамоии ҳофизонро тамошо кунанд. Мард пас аз лаҳзае хиҷолатзада ба ҷояш баргашт.

– Ба шумо чӣ резам? – пешхидмат пурсид. – Арақ, нўшокӣ, об?

– Об, – овозаш ларзид.

Мардуми гирди миз ва атроф ба назараш гўё ба вай бадбинона менигаристанд. Онҳо чиҳо мегуфтанд, ў намедонист, вале ҳис мекард, ки ўро наҳ мезананд. Вай оҳиста хеста, назди бачаҳо, ки дар як гўшаи боғ ҳунарнамоии раққосаҳоро тамошо мекарданд, рафт.

Ў рафту бадгўии нишастагони атрофи миз ҷўшид.

– Занҳо бачаҳоро ба маърака бурданашон табиӣ. Худоё, ба ин мард чӣ бало задааст, ки бачаҳоро кашола карда омадааст? Ё занаш дар хориҷа...

– Кӣ медонад, ҳар касу ҳар чӣ? Шояд тамошо гумон кардагист.

– Э, ин хел одам мард нашуда мурад.

– Ин хел одамҳоро даъват накардан даркор.

Хўрок оварданд. Мард омада нишаст. Вале аз нигоҳи ҳамроҳон худро канор мегирифт. Ба хўрок ҳам даст набурд. Фақат гоҳ-гоҳ аз истикони булўрӣ як-ду қулт об менўшиду арақи сару гарданашро пок мекард. Дигарон гўё барои хўрдану нўшидан омада бошанд, бетанаффус ба рўйи миз «ҳуҷум» мекарданд, мехўрданду менўшиданд ва бо даҳони пур хўрокҳоро ба чор тараф пош дода, гапфурўшӣ мекарданд. Вай бошад, гўё барои обхўриву арақпоккунӣ омада буд.

Ниҳоят, садои суруду мусиқӣ хомўш гардида, микрофонро садри базм гирифт. Баъди чанде табрик ба тақдимот гузашт.

– Ҳоло мо ба тақдимоти шахсоне, ки дар пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ комёбиҳои калон ба даст оварданд, мегузарем. Пеш аз ҳама ба саҳна Шермуҳаммад Идибековро даъват мекунем.

Дар ин ҷойи сухан мард хамтар шуда, гўё хаси болои оташ бошад, ба худ печид. Вале ба ин ҳолати ў касе эътибор надод.

– Ҳамсари ин бародари мо баъди таваллуди фарзандони дугоник вафот кард. Дугоникҳои навзодро танҳо парваришу тарбия карда, ба воя расониданд, ки номбардори на танҳо Самарқанд, балки тамоми кишварамон гаштанд. Писари калонӣ Бежан дар олимпиадаи химикони навраси байналхалқӣ ҷойи якумро гирифт. Дугоникҳо – Ромиз дар чемпионати шоҳмоти Осиё ғолиб омад. Хоҳаракаш Рамзия ғолиби мусобиқаи гимнастикачиёни бадеии кишварамон шуд. Барои тарбияи чунин фарзандон бо қарори сарвари давлатамон Шермуҳаммад Идибеков бо ордени «Барои хизматҳои бузург» сарфароз гардонида мешаванд. Марҳамат, Шермуҳаммад Идибеков ба саҳна бароед.

Мард аз ҷой хеста, ба сўйи саҳна рафт. Ҳама шарикони паси миз нишаста карахт шуданд. Дигар дасту дилашон ба хўрокхўриву нўшокӣ намерафт. Шояд аз гумону бадгўйиҳои худ ботинан шарм медоштанд? Пеши мизи мард, чи тавре ки ҳангоми ородиҳии дасторхон буд, ҳамон тавр ба назар мерасид. Фақат дар таги фужери ў каме об боқӣ монда буд.

Вай ба сари миз дигар барнагашт.

**Маликаи БАХТИЁР.**
*САМАРҚАНД.*

### ҲИКОЯТҲО АЗ ҲАЁТИ БУЗУРГОН

# ДАР ДИЛУ ДИДАИ МАРДУМ

Мегўянд, ки вақти ташрифи ҳардафъаинаи Абулқосим Лоҳутӣ ба Ленинобод, аз ҳар тараф зангҳои телефон садо медоданд, ҳама пиру барнои ин шаҳри азим ва деҳоти атрофи он, минҷумла адибону омўзгорон ва донишҷўёну мухлисони ашъори шоир мехостанд Абулқосим Лоҳутиро аз наздик бинанду аз сўҳбаташ шарафёб гарданд.

Яке аз рўзҳои фасли сармо устод боз меҳмони ленинободиён мегардад ва аз рўйи реҷа ба роҳбарони шаҳру вилоят, муаллимону донишҷўён, коркунони санъату ходимони маданият вохўриҳои шавқбахш гузаронида, инчунин дар сўҳбати мўйсафедони вилоят низ мешавад. Шабона бошад, меҳмони азизи хонадони нависанда Раҳим Ҷалил гашта, бо аҳли эҷоди вилоят бо таъбири Раҳим Ҷалил «шабнишинии хотирмон» мегузаронанд. Рўзи дигар муҳаррири рўзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» Ҳоҷӣ Содиқ шоирро ба идораи рўзнома таклиф менамояд, аммо Лоҳутӣ хунукии ҳавою каме бетобиашро баҳона карда, узр мехоҳад. Аммо аз суханони Раҳим Ҷалил, ки дар идора ҳама пазмони шумоянд гуфта ба ҷону ҳолаш намемонад, нагузашта ба рафтан розӣ мешавад. Раҳим Ҷалил бошад хурсандона ба Ҳоҷӣ Содиқ занг зада, вазъиятро мефаҳмонад ва хоҳиш мекунад, ки коре карда идора гарм бояд бошад. Ва аз «идораро хумдон мекунем»-гўиҳои муҳаррир дилпур мегардаду вохўрӣ хеле самимӣ мегузарад. Фардои он рўз, ки Лоҳутиро мардуми деҳаи Сойча интизор буданд, Ҳоҷӣ Содиқ ба телефон устодро мепурсад. Раҳим Ҷалил мегўяд: устод ҳоло хоб, тоқат кунед, хезанд онаатонро нишон медиҳанд. Чаро, чӣ гуноҳ аз мо гузашт – хавотир мекашад Ҳоҷӣ Содиқ. Дирўз дар кабинети «хумдон»-и шумо бечора устод каме шамол хўрда омадаанд, – гўён гўшаки телефонро мемонад.

Хушбахтона устод Лоҳутӣ сиҳату саломат ва бо кайфияти хуб аз хоб мехезад ва ба Раҳим Ҷалил мегўяд: Канӣ он муҳаррири дурўғгў, ба қишлоқ меравем. Ҳини вохўрӣ Ҳоҷӣ Содиқ гунаҳкорона бо сари хам ба устод наздик мешавад. Лоҳутӣ аз ин ҳолати вай рамз гирифта мегўяд: ҷонам, саратро бардор, ман туро кайҳо бахшидаам. Қаҳр ҳам мисли дард меҳмон. Медонам, ки ту ба ман бадӣ нахоҳӣ кард, аз ин рў, аз ту ҷиддӣ хафа нашудаам. Масъалаи ангишт маълум, ки ин ҳама касофати ҷанг аст...

Ана ҳамин хел шахсияти бузургу нотакрор ва хирадманду фарзонае буд устод Абулқосим Лоҳутӣ, ки баъди садсолаҳои зиёд низ дар дилу дидаи мардум чун марди накўном зинда хоҳад монд.

Байт:

**Марди соҳибҳунару бохираду фарзона,**
**Биравад аз назару лек зи дилҳо наравад.**

Таҳияи **Баҳриддини ТОҶИДДИН.**

# САМАРҚАНД

Самарқанде, ки зебошаҳри дунёст,
Макони родмардони тавоност.
Самарқанде, ки шаҳри дўстон аст,
Ҳузури қалби ҳар пиру ҷавон аст.
Ҳазорон ҷавҳар андар сина дорад,
Ҳазорон мардуми бекина дорад.
Зи файзаш баҳраҳо гир, ар тавонӣ,
Қадамро ранҷа кун, то нек донӣ.
Гувоҳи он бувад илму тамаддун,
Самарқанд аст гавҳар, дурри макнун.
Бузургон омаданд аз гирди олам,
Ба мавзеи азизони мукаррам.
Гирифтанд ибрату илми маонӣ,
Шуда машҳури ҳар давру замоне.
Чаро мо заррае инҳо надонем?
Ба қадри неъматаш шукре нахонем.
Ҳама мавзеи он – хоки бузургон,
Биё инро бубин, эй зоти инсон.
Гувоҳаш гардиву ҳайрон бимонӣ,
Ба васфаш мисли мо андеша ронӣ.

**Каромиддини АЙНУЛЛОЗОД,**
*ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.*

# ГАРДАД САБУК

Мекашам бори сухан, то бори дил гардад сабук,
Мекунам кори сухан, то кори дил гардад сабук.
Ман забон омўзам аз ҳар кӣ сухан гўяд равон,
То ки дар кори сухан гуфтори дил гардад сабук.
Аз сухан то бар сухан рафтори дил нав мекунам,
То ки бо аҳли сухан рафтори дил гардад сабук.
Бо забон як мекунам дилро дар ин гуфторгоҳ,
То ки ибрози ҳама афкори дил гардад сабук.
Меҳўрам май ҳамчу Ҳайём аз хароботи сухан,
То ҳама дарду ғами саршори дил гардад сабук.
Сўйи мақсад меравам ман бо қалам, дар роҳи шеър,
То ба роҳи зиндагӣ озори дил гардад сабук.
Дарси ишқ аз бар намоям ман зи ҳусни дилбарон,
То ки бо ёри сухан дидори дил гардад сабук.
Чун кушоям бо сухан асрори ҳалли мушкилот.
Ҳаллу фасли ин ҳама душвори дил гардад сабук.

**Аҳрори МАҲМУДЗОД,**
*вилояти ФАРҒОНА.*

*Санҷиши қалам*

# ЛЎЛИЗАН

**(Ҳикояи воқеӣ)**

Ҳамсояамон чор писар дошт. Писари хурдиаш Носирҷон ба бародаронаш он қадар монандӣ надошт. Ҷуссааш хурдакак ва гандумранг буд. Бо онҳо якҷоя бозӣ мекардем, ҳезуму хорчўб мечиндем, бузу гўсфанд мечаронидем. Бачагӣ-дия, боре хоҳарам аз хоҳари Носирҷон пурсид, ки барои чӣ додарат ба шумоён монанд нест? Хоҳараш гуфт, ки назар ба нақли момоям ўро аз лўлиҳо «харида» будаем. Мо ба ин суханони момои ў, то ақламонро шинохтан, бовар мекардем. Зеро ин гап ҷон дошт.

Чун фасли баҳор медаромад, лўлиён дар домани деҳаамон чодар зада моҳҳои дароз зиндагӣ мекарданд. Ба баландии кўҳи паси хонаамон баромада онҳоро тамошо мекардем. Тўда-тўда менишастанд, кўдаконашон пойлучу урён дар атрофашон даву тоз доштанд. Рўзҳои аввал мо аз онҳо меҳаросидем, дертар оҳистаоҳиста унс гирифтем. Рўзона хўрҷинҳояшонро ба китф партофта, дар даст асо ба деҳаҳои атроф мебаромаданд ва дари ҳар як хонаро кўфта чизе металабиданд. Яке нон, дигаре ҷойи хушк, қандалоту сабзавот ва ду-се танга медод. Баъзе лўлиҳои «корчаллон» соҳибхонаҳои соддаро «фол» дида, даромади хуб ба даст медоварданд. Модарам ба онҳо меҳрубонӣ мекард, ба хўрҷинашон меваҳои хушк, талқону тутмавиз, нони гарм ва баъзан равғани зард меандохт. Ёд дорам, модарам бо як лўлизани қоматбаланди ситорагарм дугона шуда буд. Дугонааш гоҳо дар хонаи мо хоб мекард. Момоям гоҳо ба ин рафтори модарам эътироз мекард: «Ғами лўлизанро мехўрӣ, ғами туро кӣ хўрад?»

Ман бисёр китоб мехондам, бар асари бисёр хондан гоҳо худ ба худ гап мезадаам. Рўзе модарам дар танўр нон пухт. Бўйи хуши нон ҳавлиро фаро гирифта буд. Додарчаам чўби дарозеро «хар» карда «чуҳ-чуҳ» гўён ба ҳар сўйи ҳавлӣ метохт. Чун ҳамеша дар гўшае нишаста китоб мехондам – идомаи қиссаи «Фарҳод ва Ширин»...

Модарам ба рўйи кулчаҳои гарм обпошон гуфт:

– Боз худ ба худ гап заданро сар кардӣ? Туро ба ягон дуохон бурдан лозим.

Ин суханҳои модарамро бисёр шунида будам, бинобар ин худро ба нодонӣ зада боз бо «Фарҳоду Ширин» суҳбатро давом додам...

Ногоҳ ба рўйи ҳавлӣ коғазпораи бо санг басташудае афтид. Модарам пайхас накард. Медонам, ин кори писари ҳамсоя Мардон буд. Ў гоҳ-гоҳ нома менавишт. Агар номаи Фарҳод мебуд, шояд ман ҳам ҷавоб менавиштам...

Рўзе суҳбати падару модарамро шунидам:

– Додош, духтарамон ғалатӣ шудааст, як корро даҳ маротиба фармоям ҳам, аз ҷояш базўр меҷунбад, хотираш парешон. Ба болои ин, худ ба худ гап мезадагӣ шудааст. Камтар китоб харида диҳед. Девона шавад, чӣ кор мекунем?

– Занак, ин қадар воҳима чӣ лозим?

– Охир, намебинед, худро аз хоҳаронаш канор мегирад, доимо дар дасташ китоб.

– Ҳозир ў дар чунин синну сол,– беэътиборона гуфт падарам.

Очаам рўймоли калонашро аз сар гирифту мўйҳояшро ба тартиб даровaрда, аз нав баст. Ў ҳар гоҳе, ки асабонӣ мешуд, чунин рафтор мекард.

Аз суҳбати онҳо дур шудам. Ба боғ фаромада дар таги дарахти себ нишастам. Себро меваи ҷаннат мегўянд...

***

Рўзе тараддуди мактабравӣ доштам, ки очаам ҷузвдонамро аз дастам кашида гирифт.

– Имрўз ба мактаб намеравӣ. Дуямон як ҷо рафта меоем. Ба муаллимат худам мефаҳмонам.

Бо очаам ба поёни деҳа – назди лўлиҳо рафтем. Зани сиёҳҷурдаи бузургҷуссае, ки дар рўяш холи калони безеб дошт, моро пешвоз гирифт. Баъд аз фаҳмидани мақсади модарам, ў ба даруни чодар хонд.

– Канӣ-канӣ, ба боло гузаред.

Даруни чодар торик ва бадбўй буд. Сарам ба дард даромад.

– Ба ман наздиктар шин, – гуфт лўлизан ва аз дастам дошта ба сўяш кашид. Ба китфонам бо муштҳояш сахтсахт зад. Бо ду даст сарамро пахш кард, баъд даҳонашро калон кушода, дуру дароз хамёза кашид. «Куф-суф, куфсуф» гўён маро канортар тела дода, ба очаам рў овард:

– Ба духтарат ҷину аҷинаҳои китобҳои хондааш асар кардаанд. Онҳо ниҳоят бисёр.

Модарам мисли шохи дарахте, ки аз шамоли сабуке меларзад, ларзида ба зорӣ даромад:

– Чӣ бояд кард?

Ду чашми лўлизан ба ангуштарини очаам буд. Ниҳоят гуфт:

– Ҳамин хелашро мекофтам...

Модарам ангуштаринашро зуд кашиду ба дасти ў дод.

– Ҳамин аз они шумо. Фақат илоҷи дардро кунед.

Лўлизан ангуштариро ба ангушташ гузаронда садо баланд кард:

– Роҳи ин осон, агар ҳамаи китобҳои духтаратро ба оташ занӣ, аз дасти ҷинҳо раҳоӣ меёбад.

Ин гапро шунида модарам андак хотирҷамъ шуд. Аммо вуҷуди маро гўё торҳои тортанаке печонда гирифта буданд.

– Не, не, китобҳоямро намедиҳам! – фарёд задам.

– Дидӣ, духтаратро ҷинҳо ором намегузоранд, – гуфт лўлизан, ки ба назарам чун деви афсонаҳо менамуд. Ба хона омада ҳамаи китобҳоямро пинҳон кардам. Саҳарии рўзи дигар номаълум ба ҷойи пинҳонкардаам рафтам. Китобҳоям дар ҷояш набуд.

– Очаҷон, китобҳоямро намеёбам?

Хоҳари нозпарварам, қиқир-қиқир хандида гуфт:

– Китобҳоят дар танўр!

Ҷонҳавл ба сўйи танўр давидам, аммо китобҳоям аллакай ба хокистар табдил ёфта буданд. Бахусус, ба қиссаи «Фарҳод ва Ширин», ки то охир нахонда будам, дилам сўхт. Лўлизанро дуои бад кардам: «Илоҳо, саратро тешаи Фарҳод дупора кунад!»

Баъди ин воқеа як ҳафта бо таби баланд хоб кардам. Додом очаамро сарзаниш карда мегуфт:

– Ақли ту кай медарояд, оқибати кори кардаатро бин?

Очаам оби дидагонашро бо нўги сарбандаш поккунон гуфт:

– Духтарҷон, зудтар сиҳат шав, ҳоло додоят китоби бисёре мехарад.

Аз очаам рў гардондам:

– Ту ва танўратро чашми дидан надорам.

***

Падарам рўзи дигар китоби бисёре харид. Аммо дар байни онҳо қиссаи «Фарҳод ва Ширин» набуд. Модарам аз танўр хокистари китобҳои сўхтаашро бо хокандоз гирифта ба таги дарахти себ рехт.

Рўзҳои борони фасли баҳор ва сарди зимистон гўё аз даруни танўр наъраи Фарҳод ва садои гиряи Ширин ба гўшам мерасид...

**Саодат РЎЗИЕВА.**

*Овози тоҷик*

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рўзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.

ISSN 2010-7757

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-835. Адади нашр 682, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.

Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.00

**Нишонии мо:**

**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**

Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.